# ҲИСОБОТ
## оид ба сафари хизматӣ
### Сафар дошт:

**Ҷафаров Ахрор Саидолимович-** сардори маркази технологияҳои компютерӣ ва таълимӣ,
**Макони сафар:** Ҷумҳурии Латвия, ш. Рига
**Мӯҳлати сафар:** аз 11.03.2019 то 16.03.2019

Сафари хизматии ман ба шаҳри Ригаи Ҷумҳурии Латвия дар асоси даъвати расмии Донишгоҳи техникии Рига дар доираи лоиҳаи “**EXTEND”-и барномаи “Ерасмус+**”-и Иттиҳоди Аврупо бо розигии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт.

**Мақсади асосии сафар** ширкат намудан дар семинари кории лоиҳа вобаста ба ҳалли масъалаҳо дар асоси нақшаи кории лоиҳа ба шумор мерафт. Зимни баргузории семинар ва нишастҳои корӣ масъалаҳои марбут ба идоракунии лоиҳа, таҳлили натиҷаҳои пурсишномаҳо, тарҳрезии моделҳои фаъолият ва ҳамкориҳои ояндаи **“EXTEND-марказ”**-ҳо, дида баромадани сохтор ва таркиби барномаҳои таълимии ихтисосҳои самти муҳандисӣ, барномаҳои рушди касбияти омӯзгорони фанҳои муҳандисӣ, технологияҳои мукаммалгардонии омӯзиш ва таълимоти фосилавӣ, ташкили назорати сифат дар фаъолияти марказҳо ва роҳҳои муаррифӣ ва паҳн гардонидани маълумот оид ба фаъолияти марказҳоро мавриди баррасӣ ва тадқиқ қарор додем. Дар ин давом, мо имкон пайдо намудем, ки аз озмоишгоҳҳо, марказҳои тадқиқотӣ ва дигар сохторҳои таълимиву идоравии донишгоҳи номбурда аз наздик шинос шавем.

Ҳамчунин, дар давоми сафари корӣ дар баробари маъалаҳои марбут ба идоракунӣ, танзими сафарҳои хизматӣ, бастани созишномаи грантӣ ва ҳалли масъалаҳои молиявии лоиҳа, чорабиниҳои зерин низ, дар асоси барномаи кории қаблан тарҳрезикардашуда пурра ба иҷро расонида шуданд:

- Шиносоӣ бо марказҳои махсуси омодасозии омӯзгорони фанҳои муҳандисӣ;
- Ташкили **EXTEND-марказ”-**ҳо дар назди донишгоҳҳо;
- Тренингҳо дар самти тақвият бахшидани маҳоратӣ суханварии омӯзгорон;
- Шиносоӣ бо фаъолияти департаменти тайёр намудани PhD докторантҳо;
- Истифодабарии воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун олоти таълимӣ;
- Тренинг дар мавзӯи: “Донишҷӯён ба омӯзгорон оид ба чӣ тавр дарс гуфтан ва омӯзгори хуб будан дарс мегуянд”;
- Тренин оид ба таҳияи барномаи таълимӣ;
- Усулҳои самараноки назоарт бурдан ва таъмини иштироки донишҷӯён дар дарсҳо.

Рӯзи 11-уми март маросими ифтитоҳи расмии семинари кории лоиҳа бо иштироки намояндагони расмии лоиҳа ва донишгоҳ баргузор гардид. Дар ин маросим ноиби ректор оид ба равобити хориҷии донишгоҳ ширкат намуда, дар суханронии ифтитоҳии худ ҳозиринро барои ташрифашон ба Ҷумҳурии Латвия хайрамақдам гуфт ва изҳори умед кард, ки натиҷаҳои бадастоварда дар доираи лоиҳа барои ҳамаи тарафҳо манфиатлвар хоҳад буд.

Сипас **Элизабетта Лазаров** ҳамоҳангсози кулли лоиҳа аз **Донишгоҳи техникии Бухарести Руминия** ҳозиринро хайрамақдам гуфта, оид ба моҳият, мақсад ва вазифаҳои лоиҳа маълумот дода, барномаи кории семинарро ба ҳозирин муфассал шарҳ дод.

Сипас, баъди ифтитоҳи расмӣ муҳокимаи васеи масъалаҳои дар вохӯрҳои каблӣ дар шаҳрҳои Саранск (ФР), Бухарест (ҶР) ва Хуҷанд (ҶТ) баргузоргардида оғоз гардид ва шарикони лоиҳа нисбати иҷрои масъалаҳои марбут ҳисобот пешниҳод намуданд.

Ҳамин тариқ, кори семинари мазкур дар асоси барномаи кории тасдиқгардида пурра ба иҷро расонида шуда ва дар фароварди семинар ба иштироккунандагон сертификатҳо оид аб иштирокашон дар кори семинар супурда шуд.

**Барномаи маблағгузорӣ**

Тамоми хароҷоти ба сафари мазкур вобаста аз ҳисоби буҷаи лоиҳаи “**EXTEND”-и** барномаи “Ерасмус+”-и Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда шуд.

**Расмҳо аз рафти баргузории вохӯрӣ**



Расми гуруҳӣ



Рафти семинар



Рафти муаррифии дастовардҳои дастаҳо



Муҳокимаи умумӣ







Кори гуруҳӣ




Муаррифии кори гуруҳӣ

***Аҳрор ҶАФАРОВ*** ___________________

*ш. Душанбе, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,*
*20-уми марти соли 2019*